К. ҷавонон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚАРОР**

Правительство Республики Таджикистан

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 13 январи соли 2016 № 4

ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушди иҷтимоии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2018 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2018 муайян гашта, ҳамзамон вазифадор карда шавад, ки дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи Барномаи мазкур дар доираи маблағҳои пешбинишуда тадбирҳои зарурӣ андешад.

3. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо дар асоси Барномаи мазкур барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавононро дар доираи имкониятҳои воқеии буҷети маҳаллӣ таҳия намуда, тибқи тартиби муқарраргардида иҷрои онҳоро таъмин намоянд.

4. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои амалишавии Барнома ҳар сол то охири моҳи декабр ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚАРОР**

Правительство Республики Таджикистан

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 13 января 2016 года № 4

ш. Душанбе

О Национальной программе социального развития молодежи в Республике Таджикистан на 2016-2018 годы

В соответствии со статьей 8 Закона Республики Таджикистан «О молодежи и государственной молодежной политике» и с целью повышения эффективности государственной молодежной политики, а также создания социально-экономических, правовых и организационных условий для социального развития молодежи Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Утвердить Национальную программу социального развития молодежи в Республике Таджикистан на 2016-2018 годы (прилагается).

2. Определить Комитет по делам молодежи, спорту и туризму при Правительстве Республики Таджикистан координатором Национальной Программы социального развития молодежи в Республике Таджикистан на 2016-2018 годы вместе с тем обязать его совместно с соответствующими министерствами и ведомствами принять необходимые меры по реализации данной Программы в рамках предусмотренных финансовых средств.

3. Председателям Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов на основе данной Программы разработать местные программы социального развития молодёжи в рамках реальных возможностях местного бюджета и обеспечить их выполнение в установленном порядке.

4. Комитету по делам молодежи, спорту и туризму при Правительстве Республики Таджикистан ежегодно до конца декабря представлять информацию о результатах осуществления Программы в Правительство Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
№ 15
15.01.2016
17

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «13» январи соли 2016, №4
тасдиқ шудааст

# Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2018

## 1. Пешгуфтор

Тоҷикистон аз ҷиҳати аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз кишварҳои ҷавон маҳсуб меёбад. Ин нерӯи пешбарандаи ҷомеа аз солҳои аввали истиқлолият ифодагари ифтихори миллӣ ва шукргузор аз истиқлолияти давлат мебошад.

Ояндаи давлату миллати мо ба насли ҷавон мансуб буда, маҳз ҷавонон дар байни дигар табақаҳои аҳолӣ бештар фаъол, инчунин умеду такягоҳи давлат мебошанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 қайд гардидааст, ки: «Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин нерӯи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд».

Воқеан, сатҳи рушд ва нуфузи ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва ихтисосу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

Дар давоми 24 соли Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа, фаъолгардонии мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин муддати кӯтоҳ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти онҳо, инчунин татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси хеле боло гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ як қатор қонунҳо, консепсияҳо ва барномаҳо дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ қабул ва амалӣ мегарданд, ки бевосита ё бавосита барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат менамоянд. Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мисоли равшани ин гуфтаҳо мебошад.

Дар ин росто, қабул гардидани Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2018 (минбаъд- Барнома) тақозои ҷомеа буда, идомаи тадбирҳои Ҳукумати кишвар мебошад.

Мусаллам аст, ки таваҷҷӯҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷавонон рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Зеро дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва муқовимат ба даъвату тазодҳои ҷаҳони муосир, насли ҷавон ягона василаи устувор ва сарватест, ки метавонад дар раванди инкишофи худ ба муваффақият ноил гардад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими Барномаи мазкур дар он аст, ки самтҳои асосӣ бо дарназардошти талаботи замон ва ҷомеаи муосир тарҳрезӣ гардидааст. Дар ин замина метавон масъалаҳои вобаста ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон, рушди соҳибкорӣ миёни онҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, шуғлнокии ҷавонон, таҳсилоти муносиб барои ҷавонон, таъминоти иҷтимоии ҷавонон, дастгирии ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, мусоидат ба рушди ҳаракати ҷамъиятии ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим миёни насли наврас ва дигар мушкилоти беҳад муҳими ҷавононро мисол овард.

Имрӯз ҷавонони кишвар дар марҳилае кору зиндагӣ доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, як қатор мушкилотҳое низ садди роҳи зиндагии онҳо гаштааст.

Дар ин замина Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф сохтани мушкилоти ҳаётии ҷавонон ва мусоидат ба мутобиқшавию рушду такомули онҳо пайваста чораҳои зарурӣ меандешад. Қабули Барнома аз қабили ин тадбирҳо буда, бо дарназардошти талаботи муосир, дастовардҳои илму техника, таҷрибаи пешрафтаи иқтисодию идоракунӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлатӣ таҳия гардидааст.

## 2. Таҳлили вазъият

1. Амалисозии Барномаи мазкур ба вазъияте асос мегирад, ки Тоҷикистон аз нуқтаи назари аҳолӣ ҷавон мебошад, зеро қишри зиёди аҳолиро (70 фоиз) ҷавонони то 30 сола ташкил дода, ин таносуб ҳамасола афзоиш ёфта истодааст (Ҷадвали 1) ва дар шароити ҷомеаи муосир масъалаҳои зиёдеро пеши онҳо гузошта, ба анҷом расонидани тадбирҳои маҷмӯӣ ва таъхирнопазирро бо иштироки васеи мақомоти идораи давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ талаб менамояд.

Дар баробари ин, иштироки ҷавонон дар арҷ гузоштан ва пос доштани арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти Ватан, тарбияи онҳо дар руҳияи

худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстӣ, дарки баланди масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсондӯстӣ, ба шуғли муносиб, тарзи ҳаёти солим, азхудкунии касб ва илмомӯзӣ, ҳидоят сохтани насли ҷавон, қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии онҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳо ва мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар ҳаёти рӯзмарраи ин насл хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҷадвали 1




2. Барномаи мазкур ҳамчун механизми амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон асос ёфта, татбиқ гардидани он марҳила ба марҳила вобаста ба зарурат ва талаботи ҷавонон амалӣ гардонида мешавад.

3. Барнома тамоми самтҳои ҳаётан муҳими ҷавононро фаро гирифта, дар бунёд ва рушди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ асос мегирад ва заминаи мусоид ҷиҳати ба камол расонидани ҷавонон мебошад.

4. Иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеаи муосир ва ҷаҳонишавии кишвар самти нав ва мубрам дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фарох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои дахлдор ва ғайраро фаро мегирад. Иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаи устуворро барои иқтидори идорӣ ва кадрӣ ташкил медиҳад.

Ташкилотҳои махсусгардонидашудаи мақоми ҳуқуқидоштаи ҷавонон дар кишвар ҳамагӣ 230-250 адад мебошанд, ки аз ин 72 мақомоти давлатии кор бо ҷавонон ва 10 марказҳои ҷавонон (дар шакли муассиса ва корхонаи воҳиди давлатӣ) буда, боқимонда ташкилотҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. Дар таносуб ба шумораи умумии ҷавонон (14-30 сола) ба ҳар як ташкилот 16 ҳазор ҷавон дар як вақт рост меояд, яъне барои тарбияи комили ҷавонон ва роҳандозии онҳо ба роҳи дурусти ҳаётӣ зарур

мегардад, ки ташкилоти кор бо ҷавонон ҳазорҳо ҷавононро мунтазам бо хизматрасониҳои дахлдор фаро гирад, ки айни замон аз имкон дур мебошад.

Дар сатҳи маҳалҳо вобаста ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду такомули ҷавонон, бахусус таъсиси марказҳои ҷавонон начандон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад. Ҳоло дар кишвар теъдоди марказҳо хело кам (53 адад) буда, ба 10000 ҷавон як марказ рост меояд, ки он мутобиқи талаботи ҷомеаи кунунӣ ногувор арзёбӣ мегардад (Ҷадвали 2)

Ҷадвали 2




5. Ба шуғл фаро гирифтани ҷавонон ҳамчун нишондиҳандаи беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ маҳсуб меёбад ва ин амал фаъолияти мувофиқашудаи мақомотҳои давлатиро бо ташкилотҳо, новобаста ба шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати ба кор фаро гирифтани ҷавонон, бахусус кӯдакони ятим, ҷавонони имкониятаашон маҳдуд, ҷавонони аз маҳали иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд, талаб менамояд.

6. Тибқи маълумотҳои омории сиёсати давлатии ҷавонон дар соли 2013 сатҳи шуғлнокии ҷавонон дар кишвар 1,7 млн. нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2012 - 6,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Аммо ин рақам аз шумораи умумии ҷавонон ҳамагӣ 81,1 фоизро ташкил медиҳад, яъне мақоми шуғлнокии 17,9 фоизи ҷавонон номуайян боқӣ мемонад, ки ба қатори онҳо ҷавонони бекор (ҳамагӣ 27,8 ҳазор нафар) ва ҷавонони машғули фаъолияти ғайрирасмии меҳнатӣ бударо шомил кардан мумкин аст, гарчанде ин рақам бақияи хело зиёдро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 3




7. Чӣ тавре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ 23 январи соли 2015 ироа гардид: «Бемории масунияти норасоии бадан бемории шадид буда, имрӯз яке аз сарчашмаҳои асосии хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон дар сайёра гаштааст». Сол аз сол тамоюли инкишофи вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният дар байни ҷавонон нигароникунанда мебошад. Тибқи омори «Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории вируси норасои масунияти одам» шумораи умумии мубталошавӣ ба вируси норасои масунияти одам/Бемории пайдошудаи норасоии масуният 6309 ҳолат (моҳи октябри соли 2014) мебошад, ки нисбат ба соли 2012 - 16,9 фоиз афзоиш ёфтааст ва аксарияти гирифторшудагонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Шумораи умумии мубталошавӣ маводи нашъадор бошад, дар соли 2014 ба 7279 ҳолат расидааст, ки 32 фоиз онҳо ба ҷавонони то 34 сола рост меояд.

8. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки танҳо ҳамон кишварҳо ба дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва эҷодӣ ноил мегарданд, ки ҷавонони он соҳибкасб ва соҳибмаълумот бошанд. Дар шароити бозори меҳнат сатҳи ба маълумоти касбӣ фарогирии ҷавонон такмилталаб аст. Дар қатори сабабҳои асосӣ вобаста ба сатҳи бекорӣ номувофиқатии ихтисос ва касбҳои омӯхтаи ҷавонон арзёбӣ гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ сатҳи таҳсилоти ҷавонон дар хориҷи кишвар афзоиш ёфта истодааст. Айни замон дар хориҷи кишвар 8041 нафар ҷавонон, аз ҷумла 5725 нафар аз ҳисоби бурсияҳои давлатӣ таҳсил доранд. Аммо, пас аз хатми мактабҳои касбӣ қисми муайяни ҷавонон наметавонанд, ки ба Ватан баргашта, соҳиби кори дилхоҳ гарданд. Дар баробари ин, ҳангоми таҳсил донишҷӯёни мо дар хориҷи кишвар ба мушкилоти зиёди хусусияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқидошта дучор мегарданд, ки онҳоро водор месозад ба рафтору кирдорҳои номатлуб даст зананд.

Мутаассифона, эҷод кардани маҳдудият аз ҷониби калонсолон, аз ҷумла волидон барои ба таҳсил фаро гирифтани духтарон аз байн нарафтааст. Сатҳи таҳсилоти духтарон аслан дар марҳилаи фарогирии

онҳо бо таҳсилоти касбӣ равшантар ба назар мерасад, ки он таносубан ба 33,6 фоиз баробар аст (Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013). Яъне аз ҳисоби умумӣ сатҳи таҳсилоти духтарон то сатҳи таҳсилоти касбӣ 12 фоиз коҳиш ёфтааст.

9. Дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоии ҷавонон, ки яке аз принсипҳои он ба муҳайё сохтани шароити мусоид барои бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани ҷавонон, дастгирии маъюбон, бепарасторон ва осебпазирон асос меёбад, тадбирҳои таъхирнопазир андешида шуда истодаанд.

Зиёдшавии сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон (тибқи омори расмӣ 21 фоиз нисбат ба соли 2012) муайян карда шудааст. Наврасон ва ҷавонони оворагард, ки асосан ҳаёти онҳо дар кӯча мегузарад, зиёд шуда истодаанд ва қисмати асосии онҳо дар шаҳрҳои калони кишвар маскун гирифтаанд (Ҷадвали 4).

Дар баробари ин, сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳолати афзоишёбӣ қарор дорад, ки дар баробари манфиатнокӣ мушкилоти зиёди иҷтимоиро пеш овардааст. Тағйирот вобаста ба қонунгузориҳои давлатҳои қабулкунанда мушкилоти зиёдро дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ба вуҷуд овардааст. Тибқи маълумоти расмӣ ҳамасола беш аз 600 ҳазор шаҳрвандон, ки 50-57 фоизи онро ҷавонон ташкил медиҳанд, ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намуда, барои аъзои оилаи худ даромад меоранд. Бинобар ин, зарурати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таъминоти иҷтимоии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон дар ин самт пеш омадааст. Мушкилоти дигар ва мубраме, ки дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад, ин паст будани сатҳи тахассус, касб, дониши ҳуқуқӣ, маърифати пасти шаҳрвандӣ, надонистани забонҳои хориҷӣ байни ҷавонон ва дар сатҳи зарурӣ ва ба таври дуруст надонистани талаботи бозори меҳнат дар кишварҳои ба қувваи корӣ эҳтиёҷманд мебошад.

Ҷадвали 4




10. Афзоиши сатҳи амалҳои номатлуб дар байни ҷавонон, аз қабили ҷинояткорӣ, харидуфурӯши одамон, бахусус кӯдакон, нашъаҷаллобӣ, терроризму экстремизм монеаи рушди бештари давлатҳо гардида, ҷомеаи

ҷаҳониро то андозае зери хатар қарор додааст. Чӣ тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, аксари нафароне, ки рафтори номатлуб доранд, ин ҷавонони то синни 35 сола буда, ба ҳар гуна роҳи найрангу фиреб ба доми ҳаракатҳои ифротӣ меафтанд.

Новобаста ба тадбирҳои андешида дар кишвар дар соли 2014 тибқи омори расмӣ сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон 5341 ҳолатро ташкил дода, он нисбат ба соли 2013–9 фоиз зиёд гардидааст. Боиси зикр аст, ки 87 фоизи ҷиноятҳо аз ҷониби ҷавонони бекор ба амал омадаанд. Ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон бошад, 800 ҳолатро ташкил дода, он нисбат ба соли 2013-5,1 фоиз зиёд гардидааст (Ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5**




11. Ҷавонон яке аз захираҳои асосӣ дар роҳи рушди мақсадҳо маҳсуб ёфта, дар як вақт ба тағйироти иҷтимоӣ, инкишофи иқтисодӣ ва тараққиёти техникӣ метавонанд боис гарданд. Тахайюлоти эҷодии онҳо, метавонад ҳамчун муҳаррики доиморушдёбандаи ҷомеа гардад, ки дар он зиндагӣ доранд.

Барои шахси ҷавон дар оғози ҳаёту фаъолият доштани таҳсилоти иқтисодӣ мувофиқи мақсад аст. Барои ин ҷавонро мебояд ҳанӯз аз даврони кӯдакӣ дар рӯҳияи иқтисоддонӣ тарбия намуд, ки ин ҷо масъули асосӣ оила, мактаб ва ҷомеа мебошад.

Мутаассифона, имрӯз дар Тоҷикистон теъдоди ангуштшумори оилаҳое мавҷуданд, ки дар фарзандони худ донишҳои иқтисодиро инкишоф медиҳанд. Аз рӯи таҳлилҳо аксарият ба вақтгузаронӣ ва умедвории омили мантиқан беасосе машғул мебошанд, ки дар оянда шояд фарзанде ба воя расад, ки манфиатовар ба оила ва ҷомеа гардад.

Дар баробари ин, ҳавасмандии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ кам ба назар мерасад, дар баъзе шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳатто чунин таваҷҷӯҳ ба назар намерасад. Дар ҳоле, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ хазинаи буҷети давлатӣ асосан аз ҳисоби соҳибкории устувор метавонад ғанӣ гардад.

12. Сиёсати давлатии ҷавонон яке аз шаш самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон гардидааст. Воқеист, ки дар

ин самт амалӣ намудани барномаҳои зиёд барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати худташаккулёбӣ, худамалигардӣ ва рақобатпазир будани шахси ҷавон ба вуқӯъ мепазирад ва ҳар яки он маблағгузории муайянро талаб менамояд.

Вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва амалигардонии афзалиятҳои Барнома дар солҳои 2013-2014 маблағгузорӣ дар ҳаҷми 3,8 млн. сомонӣ таъмин гардид, ки нисбат ба давраи гузашта як баробар зиёд мебошад.

13. Тибқи таҳлилҳои иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавонон зарур аст, ки сатҳи маблағгузорӣ нисбат ба рукнҳои демографӣ мӯътадил, яъне мутаносибан баробар бошад, зеро танҳо дар ҳамин ҳолат устувории фаъолият таъмин карда шуда, натиҷагирӣ назаррас мегардад. Сатҳи маблағгузории Барнома ба як ҷавон дар як сол 0,5 сомониро ташкил медиҳад, ки дар шароити ҷомеаи муосир хело кам мебошад (Ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6**




14. Сатҳи маблағгузории Барнома дар маҳалҳо номӯътадил арзёбӣ мегардад. Барои мисол, тибқи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, №620 “Оид ба тасдиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва шаҳри Душанбе барои татбиқи барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон ва маблағгузории онҳо вазифадор гардида буданд, вале мутаассифона ин барномаҳо на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо татбиқ гардиданд.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барномаҳои маҳаллӣ қабул ва барои татбиқи онҳо маблағҳои муайян пешбинӣ шуданд, вале ҷудо карда нашуданд. Ба монанди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2014 барои татбиқи Барнома дар ноҳияҳои Сино, И.Сомонӣ, Шоҳмансур, ноҳияи Ҷиликӯл, шаҳри Конибодом, шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ ва Тавилдара низ маблағҳои пешбинигардида умуман ҷудо карда нашуданд.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар соли 2014 - 75 фоизи маблағи пешбинигардида ҷудо карда нашудааст, ки ин вазъият бештар ба ноҳияи Файзобод- 92 фоиз, шаҳри Турсунзода- 86 фоиз, ноҳияҳои Ҳисор- 82 фоиз, Ҷиргатол-79 фоиз ва Рӯдакӣ-65 фоиз рост меояд.

Дар шаҳри Ваҳдат бошад, 95 фоиз маблағи ҷудошуда барои пардохти стипендияи раиси шаҳр харҷ карда шудааст.

Дар сатҳи вилояти Хатлон низ 36 фоиз маблағи пешбинигардида ҷудо карда нашудааст, ки он бештар ба ноҳияҳои Сарбанд - 98 фоиз, Шаҳритус -90 фоиз, Бохтар - 88 фоиз, Ховалинг - 86 фоиз, Қумсангир - 76 фоиз ва Восеъ - 74 фоиз рост меояд.

Дар вилояти Суғд 32 фоиз маблағи пешбинигардида ҷудо карда нашудааст, ки он бештар ба ноҳияҳои Зафаробод - 92 фоиз, Кӯҳистони Мастчоҳ - 88 фоиз, Шаҳристон - 86 фоиз, шаҳри Истиқлол - 81 фоиз, ноҳияи Мастчоҳ - 79 фоиз, шаҳри Чкалов - 69 фоиз ва ноҳияи Истаравшан-67 фоиз рост меояд.

15. Ба ҳамин васила имрӯз баррасӣ гардидани Барномаи асосии ҷавонон, ки аз он ҳазорон нафар умед доранд ва он яке аз механизми муассир ва ё пулест, ки дар шароити рушдёбии кишвар муносибати ҷавононро бо давлат ва ҷамъият (насли калонсол) мепайвандад, ташаккул медиҳад ва устувор мегардонад, мувофиқи мақсад аст.

16. Ҳамин тавр, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 бо дарназардошти таҳлили боло ва фарогирии тамоми мушкилоти бавуқӯъомада таҳия гардидааст, ки амалисозии он ба татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ва иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар мусоидат менамояд.

## 3. Заминаи меъёрию ҳуқуқии қабул ва татбиқи Барнома

17. Заминаи меъёрии ҳуқуқии Барномаро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, №228 тасдиқ шудааст), Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон то соли 2020 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №480 тасдиқ шудааст) ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 зикр гардидаанд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, №35 тасдиқ шудааст) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

## 4. Ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятноки Барнома

Ҳадафи асосии Барнома фароҳам овардани шароити мусоид ва имконоти фарох ҷиҳати иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ ва дар ин замина тарғибу ташвиқи эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, таъмини таҳсилоти муносиб, таҳкими

фарҳанги оиладорӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо ва тарзи ҳаёти солими ҷавонон мебошад.

Самтҳои асосии Барнома дар заминаи соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ва тақвият бахшидани чораҳо ҷиҳати татбиқи босамари Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон ба таври зайл муқаррар гардидаанд:

а) иштироки ҷавонон;

б) шуғлнокии ҷавонон;

в) таъмини тарзи ҳаёти солим;

г) таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;

д) таъминоти иҷтимоии ҷавонон;

е) таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;

ё) мустақилияти иқтисодии ҷавонон;

ж) тарбияи ватандӯстии ҷавонон;

з) ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон;

к) ҷанбаҳои илмию амалӣ ва методии сиёсати давлатии ҷавонон.

## 5. Вазифаҳои Барнома

Бо дарназардошти ин ҳадафҳо бояд вазифаҳои зерин амалӣ карда шаванд:

– ташаккули заминаҳо барои рушди кадрии ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон;

– таъмини иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба ин васила васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон тавассути пешоҳангии фармоиши иҷтимоии давлатӣ;

– мусоидат дар устуворгардонии шабакаи марказҳои ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо барои хизматрасонии маҷмӯӣ ба ҷавонон;

– ба таври мунтазам ҷалб намудани доираи васеи ҷавонон дар таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва амалигардонии барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба ҳаёту фаъолияти онҳо алоқаманд;

– рушди фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятии ҷавонон ва тақвият бахшидани ҳамкории онҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ба воситаи ташаккул ва рушди ҳаракати ихтиёрӣ дар кишвар;

– рушди имконоти ҷавонон ҷиҳати ба шуғл фарогирии онҳо ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат;

– ҳамоҳангии мақомоти давлатӣ бо ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ ҷиҳати ба кор фаро гирифтани ҷавонон, бахусус кӯдакони ятим, ҷавонони имконияташон маҳдуд, ҷавонони аз маҳали иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд;

– рушди имконот дар самти таъмини таҳсили муассир, сифатнок ва рақобатпазир барои ҷавонон ва ба ин васила ташаккули системаи тамоюлнокии касбии ҷавонон;

– фароҳам овардани шароитҳо ҷиҳати танзими муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, аз ҷумла ба талаботи бозори меҳнати минтақа таъмини рақобатпазирии қобилияти меҳнатии онҳо;

– мусоидат ҷиҳати беҳбудии вазъи иқтисодӣ, боло бурдани сатҳи даромаднокии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон ба воситаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ё муқаррар кардани имтиёзҳо барои соҳибкорон, бахусус аз ҳисоби соҳибкорони дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда ташкили коргоҳҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ барои ҷавонон;

– пешгирии бемориҳои махсусан хавфнок, аз қабили вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, нашъамандӣ, сил ва бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар байни ҷавонон;

– рушди барномаи омӯзишии “Ҳамсол ба ҳамсол” дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон;

– фароҳам овардани шароит барои худтатбиқнамоии эҷодии ҷавонон;

– тибқи тартиби қонунгузорӣ муқаррар намудани мукофотҳо, стипендияҳо, ҷоизаҳо ва кӯмакпулиҳо барои шаҳрвандони ҷавони эҷодкор ва соҳибистеъдод;

– ташкили имкониятҳо ҷиҳати таҳсили иловагии ҷавонон ба малакаҳои ҳаётӣ, аз қабили забономӯзӣ, дӯзандагӣ, кандакорӣ, қаннодӣ ва ғайра;

– мусоидат оиди баланд бардоштани маърифатнокии ҷавонон тавассути ташаккули хадамоти таҳсилоти ғайрирасмӣ ва истифодаи усулҳои навтарин, ба монанди таҳсилоти фосилавӣ, таълими интерактивӣ ва ғайра;

– дастгирии рушди ҳаракатҳои хонандагон ва донишҷӯён тавассути ташаккули ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва худфаъол;

– ташаккули системаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва машваратӣ, васеъ гардонидани шабакаҳои хадамоти иҷтимоӣ барои фаъолият дар самти ташкили фароғат, гирифтани маълумот, ҳалли проблемаҳои муошират дар оила, мактаб, коллектив, интихоби самтҳои пешбурди зиндагӣ ва мутобиқат ба ҷомеа;

– ташкили роҳу усулҳои нави таъмин намудан бо ҷойҳои корӣ барои ҷавонон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои гуногуни ташкили бозори ҷойҳои кории холӣ;

– баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонон дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ, эмин будан аз шомилшавӣ ба ҳаракатҳои иртиҷоӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, нашъамандӣ, сабру таҳаммулнокӣ аз алоқаҳои ҷинсии тасодуфӣ ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ ва нашъаҷаллобию ҳуқуқвайронкунӣ;

– баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир;

– баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷавонон дар самти танзим ва банақшагирии оила ва ба ин васила пешгирии никоҳи барвақтӣ ва хешутаборӣ дар байни ҷавонон;

– мусоидат ба таъмини таҳсилоти муносиб ба духтарон, оворагардон ва камбизоатон;

– пешгирии поймолшавии ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонони осебпазир бо истифода аз роҳу усулҳои муосири муқовимат;

– таҳия ва амалисозии механизми муосири муқовимат ба хурофотпарастӣ, тундгароӣ, терроризму экстремизм дар байни ҷавонон;

– мусоидат ба паст гардидан ва ё мӯътадил нигоҳ доштани сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон бо истифода аз усулҳои муосири амалисозии тадбирҳо;

– баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии иқтисодии ҷавонон ва ҳавасманд гардонидани онҳо барои амалисозии барномаҳои гуногуни соҳибкорӣ;

– мусоидат ба ташкили хоҷагиҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ бо дастрасии қарзҳои бонкию давлатӣ;

– баланд бардоштани ватандӯстии ҷавонон, тарғиби худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллии онҳо;

– ҳавасманд гардонидани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи филмҳо ва барномаҳои театрии дорои хусусияти ватандӯстона;

– таҳкими имкониятҳо ва ба таври самарабахш амалӣ сохтани барномаи ихтиёриёни ҷавон дар самти ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани ҷавонон ва ҳавасмандгардонии сарбозони ихтиёрӣ;

– ҳавасмандгардонии сарбозон тавассути таҳияи асарҳо, мақолаҳо (бахусус, дар матбуоти даврӣ), китобҳо ва намоиши филмҳои ватандӯстона тавассути кинотеатрҳо барои онҳо;

– баланд бардоштани фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ;

– таҳия ва амалисозии барномаҳои гуногуни фарҳангӣ, ахлоқӣ, худшиносӣ, фароғатӣ ва бадеӣ дар байни ҷавонон дар шакли озмуну фестивалҳо;

– дастгирӣ ва рушди барномаҳои консертии ситораҳои ҷавон дар дохил ва хориҷи кишвар ва бар ин васила муаррифӣ намудани соҳаи санъати миллӣ;

– тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи пос доштани фарҳанги миллии либоспӯшӣ ва дур будан аз бегонапарастӣ;

– таҳия ва амалӣ гардонидани барномаҳои мактабӣ ва донишгоҳии фароғатӣ ва саёҳати наврасону ҷавонон ба мавзеъҳои таърихӣ, Парлумони касбӣ, Қасри миллат, осорхонаҳо, театрҳо, марказҳои ҷавонон ва ғайра;

– ташаккули заминаи илмию амалӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон;

– тарбияи касбӣ, омодасозии кадрҳо ва сарварони ҷавон тавассути роҳандозӣ намудани давраҳои омӯзишӣ ва ба низоми муайян даровардани ташкили мунтазами онҳо;

– таҳкими механизми ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар;

– ташаккули механизми устувори имконоти иттилоотӣ ва омори сиёсати давлатии ҷавонон ва махзани кадрҳои ҷавон;

– рушди имконот дар самти ҳавасмандгардонии давлатии олимон, муҳаққиқон ва соҳибистеъдодони ҷавон.

## 6. Нақшаи чорабиниҳои Барнома

| № | Номгӯи тадбирҳо | Мӯҳлат | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| | 1. Иштироки ҷавонон | | |
| 1. | Баргузории чорабиниҳо вобаста ба рушди ҷанбаҳои кадрии сиёсати давлатии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Агентии хизмати давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 2. | Татбиқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ тавассути дастгирии лоиҳаҳои ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон дар доираи соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин дастгирии моддию техникии марказҳои ҷавонон | Ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | 2. Шуғлнокии ҷавонон | | |
| 3. | Андешидани чораҳо дар самти рушди имконоти ҷавонон ҷиҳати ба шуғл фаро гирифтан ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 4. | Ташкили чорабиниҳо дар самти бо ҷойи корӣ таъмин намудани ҷавонони имконияташон маҳдуд, ҷавонони аз маҳали иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мудофиа, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 5. | Андешидани чораҳои дахлдор дар самти таҳсили | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | муосир, сифатнок ва рақобатпазири ҷавонон | | маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 6. | Ташкил ва амалисозии чорабиниҳо дар самти танзими муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, аз ҷумла ба талаботи бозори меҳнати минтақа мувофиқ намудани сатҳи тахассусии онҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 3. Таъмини тарзи ҳаёти солими ҷавонон | | | |
| 7. | Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ оид ба пешгирии бемориҳои махсусан хавфнок, аз қабили вируси норасои масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, нашъамандӣ, сил ва бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 8. | Ташкили чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла озмунҳо ва бозиҳои гуногуни варзишию оммавӣ | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 9. | Амалисозии чорабиниҳо дар самти таъмини ҳаёти солими ҷавонон бо истифода аз усулҳои муосир, аз қабили “Ҳамсол ба ҳамсол” ва “Хатсайри бехатар” | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 4. Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон | | | |
| 10. | Ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод | Ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 11. | Дастгирии лоиҳаҳои ҷавонони соҳибистеъдод дар амалигардонии эҷодиёти онҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ҳокимияти давлатӣ |
| 12. | Ташкили давраҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, малакаҳои кор бо технологияи иттилоотӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва дигар малакаҳои ҳаётӣ | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 13. | Дастгирии лоиҳаҳо барои омӯзиши ҷавонон бо истифода аз усулҳои навтарин, ба монанди таҳсилоти фосилавӣ ва таълими интерактивӣ | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 14. | Амалигардонии Ҷоизаи Кумита барои муҳаққиқони ҷавон дар самти адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат, меъморӣ ва барномасозӣ | Ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 15. | Амалигардонии стипендияи Кумита барои ҷавонони фаъол аз ҳисоби донишҷӯён | Ҳамасола (барои нӯҳ моҳи таҳсил) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 16. | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти рушди ҳаракатҳои хонандагон ва донишҷӯён тавассути ташаккули ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва худфаъол | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 5. Таъминоти иҷтимоии ҷавонон | | | |
| 17. | Амалӣ сохтани лоиҳаҳо дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ва машваратӣ барои ҷавонон оид ба ташкили фароғат, гирифтани маълумот, ҳалли проблемаҳои муошират дар оила, мактаб, коллектив, интихоби самтҳои пешбурди зиндагӣ ва мутобиқат ба ҷомеа | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 18. | Таҳкими фаъолияти махзани иттилоотии доимоамалкунандаи ҷойи корӣ барои ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ҳокимияти давлатӣ |
| 19. | Баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ барои ҷавонон оид ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла омӯзиши забони русӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, дур будан аз шомилшавӣ ба ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ғайра | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои дохилӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 20. | Дастгирии моддӣ ва молиявии оилаҳои ҷавон, мутахассисони ҷавон, ҷавонони фаъол вобаста ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти рӯзмарраи онҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Агентии хизмати давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | 6. Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон | | |
| 21. | Баргузории чорабиниҳо дар самти маърифатнокии ҳуқуқию иҷтимоии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон вабаста ба шароит ва тақозои ҷомеаи муосир | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 22. | Ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба таъмини таҳсилоти муносиб ба духтарон, оворагардон ва камбизоатон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 23. | Амалисозии чорабиниҳо бо усулҳои муосири муқовимат ба хурофотпарастӣ, тундгароӣ, терроризму экстремизм дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ, фарҳанг, кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 24. | Ташкили чорабиниҳо вобаста ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазоратҳои корҳои дохилӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон | | | |
| 25. | Амалӣ сохтани чорабиниҳо оид ба маърифатнокии иқтисодии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 26. | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 27. | Ташкили давраҳои омӯзишӣ барои дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| 8. Тарбияи ватандӯстии ҷавонон | | | |
| 28. | Баргузории чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти таҳкими ватандӯстии ҷавонон, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллии онҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 29. | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти таҳияи филмҳо, роликҳо ва барномаҳои театрии дорои хусусияти ватандӯстона (сенарияҳои филмҳо ва барномаҳои консертӣ тавассути шабакаҳои давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон) | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 30. | Ташкили озмунҳо ва дигар чорабиниҳо дар байни ҷавонон ва сарбозон оид ба таҳкими ҳисси ватандӯстии онҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати мудофиа, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 31. | Татбиқи босамари барномаи ихтиёриёни ҷавон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дар самти ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани ҷавонон ва ҳавасмандгардонии сарбозони ихтиёрӣ | | мудофиа, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 9. Ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон | | | |
| 32. | Ташкили барномаҳои гуногун дар ВАО дар самти ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 33. | Ташкили барномаҳои гуногуни фарҳангӣ, ахлоқӣ, худшиносӣ, фароғатӣ ва бадеӣ дар байни ҷавонон дар шакли озмуну фестивалҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати фарҳанг, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 34. | Баргузории чорабиниҳои дахлдор дар байни ҷавонон оид ба ахлоқи ҳамида ва фарҳанги либоспӯшии онҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати фарҳанг, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 35. | Дастгирӣ ва рушди барномаҳои консертии ҳунармандони ҷавон дар дохил ва хориҷи кишвар ва ба ин васила муаррифӣ намудани соҳаи санъати миллӣ аз ҷониби ҷавонон | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио, Вазорати фарҳанг, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 36. | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти ташкили лагерҳои омӯзишӣ, фароғатӣ ва саёҳати наврасону ҷавонон ба мавзеъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, Парламенти кишвар, Китобхонаи миллӣ ва ғайра | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 10. Ҷанбаҳои илмию амалӣ ва методии сиёсати давлатии ҷавонон | | | |
| 37. | Баргузории конференсияҳои илмию амалӣ вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ва ҷаҳон | Ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 38. | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти амалигардонии тадқиқотҳои илмию амалӣ | Ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон | | мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 39. | Дастгирии лоиҳаҳо оид ба ташкили тадқиқотҳои сотсиологӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | Ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 40. | Дастгирии чопи маводи илмӣ, методӣ ва амалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 41. | Ташкили бонизоми давраҳои омӯзишӣ оид ба такмили малакаи кории кадрҳо ва сарварони ҷавон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Агентии хизмати давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 42. | Анҷом додани мониторинги сифати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳо дар доираи Барнома | Ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 43. | Ташкили озмунҳо ва дигар чорабиниҳо дар самти ҳавасмандгардонии олимон ва мутахассисони ҷавон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 44. | Дастгирии сафарҳои хориҷии мутахассисони кор бо ҷавонон дар доираи ҳамкориҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазорати корҳои хориҷӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |

## 7. Механизми маблағгузории Барнома

18. Ҳаҷми умумии маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2018, 8060000 ҳазор сомониро ташкил дода, аз он 70680000 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва 992000 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташкил дода мешавад.

19. Ҳамин тавр, тақсимоти маблағгузории Барнома вобаста ба самтҳои афзалиятнок дар ҷадвали зерин оварда шудааст (1 – буҷети ҷумҳуриявӣ, 2 – дигар маблағҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст):

| № | Самтҳои афзалиятнок | Хароҷоти молиявӣ (бо ҳазор сомонӣ) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | | 2017 | | 2018 | |
| | | 1 | 2 | 1 | 2 | 1 | 2 |
| 1. | Иштироки ҷавонон | 350,0 | 130,0 | 370,0 | 140,0 | 382,0 | 150,0 |
| 2. | Шуғлнокии ҷавонон | 160,0 | 00,0 | 192,0 | 00,0 | 207,0 | 00,0 |
| 3. | Таъмини тарзи ҳаёти солим | 150,0 | 60,0 | 150,0 | 70,0 | 158,0 | 76,0 |
| 4. | Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон | 300,0 | 35,0 | 315,0 | 50,0 | 335,0 | 55,0 |
| 5. | Таъминоти иҷтимоии ҷавонон | 180,0 | 00,0 | 192,0 | 0,0 | 207,0 | 0,0 |
| 6. | Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон | 250,0 | 0,0 | 274,0 | 0,0 | 287,0 | 0,0 |
| 7. | Мустақилияти иқтисодии ҷавонон | 105,0 | 20,0 | 110,0 | 30,0 | 123,0 | 33,0 |
| 8. | Тарбияи ватандӯстии ҷавонон | 170,0 | 20,0 | 190,0 | 30,0 | 224,0 | 32,0 |
| 9. | Ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон | 230,0 | 20,0 | 242,0 | 20,0 | 264,0 | 21,0 |
| 10. | Ҷанбаҳои илмию амалӣ ва методии сиёсати давлатии ҷавонон | 305,0 | 0,0 | 315,0 | 0,0 | 331,0 | 0,0 |
| | **Ҳамагӣ** | **2200,0** | **285,0** | **2350,0** | **340,0** | **2518,0** | **367,0** |

## 8. Механизми ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома

20. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба татбиқи Барнома амалӣ менамояд. Тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Барнома бо дарназардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии мавҷуда пешниҳод манзур намуда, назорати истифодаи мақсадноки маблағҳоро таъмин менамояд.

21. Идора намудани ҷараёни татбиқи Барнома аз ҷониби Комиссия оид ба танзим ва ҳамоҳангсозии Барнома, ки онро Ҳайати мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррааргардида таъсис медиҳад, сурат мегирад.

22. Ҳамоҳангсозӣ ва маблағгузории Барнома дар сатҳи вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи имкониятҳои воқеи бевосита ба роҳ монда мешавад.

Татбиқи Барнома дар сатҳи маҳалҳо бояд бо дарназардошти ҳадаф, соҳаҳои афзалиятнок ва Нақшаи чорабиниҳои Барнома мутобиқи шароити маҳал бо пешбинӣ намудани маблағгузории чорабиниҳои Барнома таъмин карда шавад.

## 9. Натиҷаҳои ниҳоии Барнома

23. Натиҷаҳои татбиқи Барнома аз рӯи нишондиҳандаҳои муайянгардида барои андешидани ин гуна чораҳо равона гардидаанд:

– ташаккул ёфтани заминаҳо барои рушди ҷанбаҳои кадрии ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон;

– таъмини иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аз ҷиҳати сиёсӣ фаъол гардидани онҳо;

– устувор гардидани фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятии ҷавонон;

– рушд ёфтани имконоти ҷавонон ҷиҳати ба шуғл фаро гирифтан ва рақобатпазирии онҳо дар шароити бозори меҳнат;

– танзим гардидани муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, аз ҷумла ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ намудани қобилияти меҳнатии онҳо;

– эмин гардидани ҷавонон аз бемориҳои махсусан хавфнок, аз қабили вируси норасои масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, нашъамандӣ ва бемориҳои сироятии ҷинсӣ;

– фароҳам овардани шароит барои худтатбиқнамоии эҷодии ҷавонон;

– ба малакаҳои ҳаётӣ, аз қабили забономӯзӣ, дӯзандагӣ, кандакорӣ, қаннодӣ ва ғайра омӯзонида шудани ҷавонон;

– ба хизматрасонии маҷмӯии иҷтимоӣ ва машваратӣ таъмин гардидани ҷавонон;

– фароҳам овардани шароит барои дастрасии ҷавонон бо ҷойҳои корӣ;

– баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир дар самти танзим ва банақшагирии оила ва ба ин васила пешгирии никоҳи барвақтӣ ва хешутаборӣ;

– таъмин гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қисми муайяни ҷавонони осебпазир бо истифода аз роҳу усулҳои муосири муқовимат;

– дур шудани қисми муайяни ҷавонон аз хурофотпарастӣ, тундгароӣ ва терроризму экстремизм;

– паст ё мӯътадил гардидани сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон;

– баланд гардидани сатҳи маълумотнокии иқтисодии ҷавонон ва рушд ёфтани барномаҳои гуногуни соҳибкорӣ дар байни ҷавонон;

– ташаккул ёфтани системаи дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавон;

– баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, тарғиби худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихории миллӣ дар байни ҷавонон;

– баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон дар самти пос доштан ва рушд додани фарҳанги миллии либоспӯшӣ;

– ҳавасманд гардидани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва паст гардидани сатҳи саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ;

– баланд бардоштани сатҳи маърифати фарҳангӣ ва маънавию ахлоқии ҷавонон;

– ташаккул ёфтани заминаи илмию амалӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон;

– таҳким ёфтани нерӯи кадрии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар;

– ҳавасманд намудани олимон, муҳаққиқон ва соҳибистеъдодони ҷавон дар амалӣ намудани корҳои муҳими тадқиқотӣ ва манфиатбахш ба ҷомеа.

Замима

Ба барномаи миллии рушди
иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии
Тоҷикистон барои солҳои 2016 -2018

## Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барнома

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Хароҷоти молиявӣ (бо ҳазор сомонӣ) "Бҷ"- Буҷети ҷумҳуриявӣ, "Мғ"- Манбаъҳои ғайрибуҷетӣ | | | | | | Ҳамагӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | | | |
| | | Бҷ | Мғ | Бҷ | Мғ | Бҷ | Мғ | Бҷ | Мғ | Ҷамъ |
| **1. Иштироки ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 1 | Баргузории чорабиниҳо вобаста ба рушди ҷанбаҳои кадрии сиёсати давлатии ҷавонон | 50,0 | | 50,0 | | 52,0 | | **152,0** | **0,0** | **152,0** |
| 2 | Татбиқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ тавассути дастгирии лоиҳаҳои ташкилотҳои кор бо ҷавонон ва марказҳои ҷавонон дар доираи соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин дастгирии моддию техникии марказҳо | 300,0 | 130,0 | 320,0 | 140,0 | 330,0 | 150,0 | **950,0** | **420,0** | **1370,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 1.** | **350,0** | **130,0** | **370,0** | **140,0** | **382,0** | **150,0** | **1102,0** | **420,0** | **1522,0** |
| **2. Шуғлнокии ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 3 | Андешидани чораҳо дар самти рушди имконоти ҷавонон ҷиҳати ба шуғл фаро гирифтан ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат | 50,0 | 0,0 | 64,0 | 0,0 | 70,0 | 0,0 | **184,0** | **0,0** | **184,0** |
| 4 | Ташкили чорабиниҳо дар самти бо ҷойи корӣ таъмин намудани ҷавонони имконияташон маҳдуд, ҷавонони аз маҳали иҷрои ҷазо озодшуда ва шаҳрвандони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд | 20,0 | 0,0 | 38,0 | 0,0 | 42,0 | 0,0 | **102,0** | **0,0** | **102,0** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Андешидани чораҳои дахлдор дар самти таҳсили муосир, сифатнок ва рақобатпазири ҷавонон | 50,0 | 0,0 | 50,0 | 0,0 | 50,0 | 0,0 | **148,0** | **0,0** | **148,0** |
| 6 | Ташкил ва амалисозии чорабиниҳо дар самти танзими муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, аз ҷумла ба талаботи бозори меҳнати минтақа мувофиқ намудани сатҳи тахассусии онҳо | 40,0 | 0,0 | 40,0 | 0,0 | 45,0 | 0,0 | **125,0** | **0,0** | **125,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 2.** | **160,0** | **00,0** | **192,0** | **00,0** | **207,0** | **00,0** | **559,0** | **00,0** | **559,0** |
| **3. Таъмини тарзи ҳаёти солими ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 7 | Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ оид ба пешгирии бемориҳои махсусан хавфнок, аз қабили вируси норасои масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният, нашъамандӣ ва бемориҳои сироятии ҷинсӣ дар байни ҷавонон | 60,0 | 20,0 | 60,0 | 20,0 | 66,0 | 25,0 | **186,0** | **65,0** | **251,0** |
| 8 | Ташкили чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла озмунҳо ва бозиҳои гуногуни варзишию оммавӣ | 50,0 | 20,0 | 50,0 | 25,0 | 52,0 | 26,0 | **152,0** | **71,0** | **223,0** |
| 9 | Амалисозии чорабиниҳо дар самти таъмини ҳаёти солими ҷавонон бо истифода аз усулҳои муосир, аз қабили "Ҳамсол ба ҳамсол" ва "Хатсайри бехатар" | 40,0 | 20,0 | 40,0 | 25,0 | 40,0 | 25,0 | **120,0** | **70,0** | **190,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 3.** | **150,0** | **60,0** | **150,0** | **70,0** | **158,0** | **76,0** | **458,0** | **206,0** | **664,0** |
| **4. Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 10 | Ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод | 40,0 | 0,0 | 40,0 | 0,0 | 45,0 | 0,0 | **125,0** | **0,0** | **125,0** |
| 11 | Дастгирии лоиҳаҳои ҷавонони соҳибистеъдод дар амалигардонии эҷодиёти онҳо | 60,0 | 20,0 | 65,0 | 30,0 | 65,0 | 35,0 | **190,0** | **85,0** | **275,0** |
| 12 | Ташкили давраҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, малакаҳои кор бо технологияи иттилоотӣ ҳунарҳои мардумӣ ва дигар малакаҳои ҳаётӣ | 65,0 | 0,0 | 70,0 | 0,0 | 70,0 | 0,0 | **205,0** | 0,0 | **205,0** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 13 | Дастгирии лоиҳаҳо барои омӯзиши ҷавонон бо истифода аз усулҳои навтарин, ба монанди таҳсилоти фосилавӣ ва таълими интерактивӣ | 20,0 | 15,0 | 20,0 | 20,0 | 20,0 | 20,0 | **60,0** | **55,0** | **115,0** |
| 14 | Амалигардонии Ҷоизаи Кумита барои муҳаққиқони ҷавон дар самти адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат, меъморӣ ва барномасозӣ | 30,0 | 0,0 | 30,0 | 0,0 | 35,0 | 0,0 | **95,0** | **0,0** | **95,0** |
| 15 | Амалигардонии стипендияи Кумита барои ҷавонони фаъол аз ҳисоби донишҷӯён | 20,0 | 0,0 | 20,0 | 0,0 | 25,0 | 0,0 | **65,0** | 0,0 | **65,0** |
| 16 | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти рушди ҳаракатҳои хонандагон ва донишҷӯён тавассути ташаккули ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва худфаъол | 65,0 | 0,0 | 70,0 | 0,0 | 75,0 | 0,0 | **210,0** | **0,0** | **210,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 4.** | **300,0** | **35,0** | **315,0** | **50,0** | **335,0** | **55,0** | **950,0** | **140,0** | **1090,0** |
| | **5. Таъминоти иҷтимоии ҷавонон** | | | | | | | | | |
| 17 | Амалӣ сохтани лоиҳаҳо дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ва машваратӣ барои ҷавонон оид ба ташкили фароғат, гирифтани маълумот, ҳалли проблемаҳои муошират дар оила, мактаб, коллектив, интихоби самтҳои пешбурди зиндагӣ ва мутобиқат ба ҷомеа | 50,0 | 0,0 | 50,0 | 0,0 | 53,0 | 0,0 | **153,0** | **0,0** | **153,0** |
| 18 | Таҳкими фаъолияти махзани иттилоотии доимоамалкунандаи ҷойҳои корӣ барои ҷавонон | 20,0 | 0,0 | 22,0 | 0,0 | 28,0 | 0,0 | **70,0** | **0,0** | **70,0** |
| 19 | Баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ барои ҷавонон дар ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла омӯзиши забони русӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, дур будан аз шомилшавӣ ба ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва ғайра | 50,0 | 0,0 | 60,0 | 0,0 | 62,0 | 0,0 | **172,0** | **0,0** | **172,0** |
| 20 | Дастгирии моддӣ ва молиявии оилаҳои ҷавон, мутахассисони ҷавон, ҷавонони фаъол вобаста ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти рӯзмарраи онҳо | 60,0 | 0,0 | 60,0 | 0,0 | 64,0 | 0,0 | **184,0** | **0,0** | **184,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 5.** | **180,0** | **0,0** | **192,0** | **0,0** | **207,0** | **0,0** | **579,0** | **0,0** | **579,0** |
| | **6. Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон** | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21 | Баргузории чорабиниҳо дар самти маърифатнокии ҳуқуқию иҷтимоии ҷавонон ва оилаҳои ҷавон вобаста ба шароит ва тақозои ҷомеаи муосир | 60,0 | 0,0 | 70,0 | 0,0 | 72,0 | 0,0 | **202,0** | **0,0** | **202,0** |
| 22 | Ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба таъмини таҳсилоти муносиб ба духтарон, оворагардон ва камбизоатон | 45,0 | 0,0 | 48,0 | 0,0 | 53,0 | 0,0 | **146,0** | **0,0** | **146,0** |
| 23 | Амалисозии чорабиниҳо бо усулҳои муосири муқовимат ба хурофотпарастӣ, тундгароӣ, терроризму экстремизм дар байни ҷавонон | 70,0 | 0,0 | 74,0 | 0,0 | 80,0 | 0,0 | **224,0** | **0,0** | **224,0** |
| 24 | Ташкили чорабиниҳо вобаста ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон | 75,0 | 0,0 | 82,0 | 0,0 | 82,0 | 0,0 | **239,0** | **0,0** | **239,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 6.** | **250,0** | **0,0** | **274,0** | **0,0** | **287,0** | **0,0** | **811,0** | **0,0** | **811,0** |
| **7. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 25 | Амалӣ сохтани чорабиниҳо оид ба маърифатнокии иқтисодии ҷавонон | 20,0 | 0,0 | 20,0 | 0,0 | 23,0 | 0,0 | **63,0** | **0,0** | **63,0** |
| 26 | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон | 50,0 | 20,0 | 55,0 | 30,0 | 60,0 | 33,0 | **165,0** | 83,0 | 248,0 |
| 27 | Ташкили давраҳои омӯзишӣ барои дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавон | 35,0 | 0,0 | 35,0 | 0,0 | 40,0 | 0,0 | **110,0** | **0,0** | **110,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 7.** | **105,0** | **20,0** | **110,0** | **30,0** | **123,0** | **33,0** | **338,0** | **83,0** | **421,0** |
| **8. Тарбияи ватандӯстии ҷавонон** | | | | | | | | | | |
| 28 | Баргузории чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти таҳкими ватандӯстии ҷавонон, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллии онҳо | 60,0 | 0,0 | 60,0 | 0,0 | 72,0 | 0,0 | **192,0** | **0,0** | **192,0** |
| 29 | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти таҳияи филмҳо, роликҳо, барномаҳои телевизионӣ ва театрии дорои хусусияти ватандӯстона | 30,0 | 20,0 | 50,0 | 30,0 | 60,0 | 32,0 | **140,0** | **82,0** | **222,0** |
| 30 | Ташкили озмунҳо ва дигар чорабиниҳо дар байни ҷавонон ва сарбозон оид ба таҳкими ҳисси ватандӯстии онҳо | 50,0 | 0,0 | 50,0 | 0,0 | 52,0 | 0,0 | **152,0** | **0,0** | **152,0** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 31 | Татбиқи босамари барномаи ихтиёриёни ҷавонон дар самти ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани ҷавонон ва ҳавасмандгардонии сарбозони ихтиёрӣ | 30,0 | 0,0 | 30,0 | 0,0 | 40,0 | 0,0 | **100,0** | **0,0** | **100,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 8.** | **170,0** | **20,0** | **190,0** | **30,0** | **224,0** | **32,0** | **584,0** | **82,0** | **666,0** |
| | **9. Ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон** | | | | | | | | | |
| 32 | Ташкили барномаҳои гуногун дар ВАО дар самти ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон | 20,0 | 0,0 | 22,0 | 0,0 | 26,0 | 0,0 | **68,0** | **0,0** | **68,0** |
| 33 | Ташкили барномаҳои гуногуни фарҳангӣ, ахлоқӣ, худшиносӣ, фароғатӣ ва бадеӣ дар байни ҷавонон дар шакли озмуну фестивалҳо | 70,0 | 0,0 | 70,0 | 0,0 | 72,0 | 0,0 | **212,0** | **0,0** | **212,0** |
| 34 | Баргузории чорабиниҳои дахлдор дар байни ҷавонон оид ба ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон ва фарҳанги либоспушии онҳо | 50,0 | 0,0 | 50,0 | 0,0 | 59,0 | 0,0 | **159,0** | **0,0** | **159,0** |
| 35 | Дастгирӣ ва рушди барномаҳои консертии ситораҳои ҷавон дар дохил ва хориҷи кишвар ва ба ин васила муаррифӣ намудани соҳаи санъати миллӣ аз ҷониби ҷавонон | 30,0 | 0,0 | 35,0 | 0,0 | 40,0 | 0,0 | **105,0** | **0,0** | **105,0** |
| 36 | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти ташкили лагерҳои омӯзишӣ, фароғатӣ ва сайёҳати наврасону ҷавонон ба мавзеъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, Парламенти кишвар, Китобхонаи миллӣ ва ғайра | 60,0 | 20,0 | 65,0 | 20,0 | 67,0 | 21,0 | **192,0** | **61,0** | **253,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 9.** | **230,0** | **20,0** | **242,0** | **20,0** | **264,0** | **21,0** | **736,0** | **61,0** | **797,0** |
| | **10. Ҷанбаҳои илмию амалӣ ва методии сиёсати давлатии ҷавонон** | | | | | | | | | |
| 37 | Баргузории конференсияҳои илмию амалӣ вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ва ҷаҳон | 40,0 | 0,0 | 48,0 | 0,0 | 50,0 | 0,0 | **138,0** | **0,0** | **138,0** |
| 38 | Дастгирии лоиҳаҳо дар самти амалигардонии тадқиқотҳои илмию амалӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон | 30,0 | 0,0 | 30,0 | 0,0 | 30,0 | 0,0 | **90,0** | **0,0** | **90,0** |
| 39 | Дастгирии лоиҳаҳо оид ба ташкили тадқиқотҳои сотсиологӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | 30,0 | 0,0 | 30,0 | 0,0 | 30,0 | 0,0 | **90,0** | **0,0** | **90,0** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 40 | Дастгирии чопи маводи илмӣ, методӣ ва амалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | 60,0 | 0,0 | 60,0 | 0,0 | 60,0 | 0,0 | **180,0** | **0,0** | **180,0** |
| 41 | Ташкили бонизоми давраҳои омӯзишӣ оид ба такмили малакаи кории кадрҳо ва сарварони ҷавон | 40,0 | 0,0 | 42,0 | 0,0 | 52,0 | 0,0 | **134,0** | **0,0** | **134,0** |
| 42 | Анҷом додани мониторинги сифати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳо дар доираи Барнома | 20,0 | 0,0 | 20,0 | 0,0 | 22,0 | 0,0 | **62,0** | **0,0** | **62,0** |
| 43 | Ташкили озмунҳо ва дигар чорабиниҳо дар самти ҳавасмандгардонии олимон ва мутахассисони ҷавон | 40,0 | 0,0 | 40,0 | 0,0 | 40,0 | 0,0 | **120,0** | **0,0** | **120,0** |
| 44 | Дастгирии сафарҳои хориҷии мутахассисони кор бо ҷавонон дар доираи ҳамкориҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | 45,0 | 0,0 | 45,0 | 0,0 | 47,0 | 0,0 | **137,0** | **0,0** | **137,0** |
| | **Ҷамъи самти афзалиятноки 10.** | **305,0** | **0,0** | **315,0** | **0,0** | **331,0** | **0,0** | **951,0** | **0,0** | **951,0** |
| | **ҲАМАГӢ** | **2200,0** | **285,0** | **2350,0** | **340,0** | **2518,0** | **367,0** | **7068,0** | **992,0** | **8060,0** |